Масъалаҳои ташаккулёбӣ ва фаъолияти бозори меҳнат дар асарҳои олимони Тоҷикистон: А.Ҷ.Азимов, М.Т.Азимова, Д.С.Амонова, С.Б.Ашӯров, Р.М.Бобоҷонов, Ф.Восиев, Т.Ғаниев, А.Ҷабборов, Ш.Б. Ҷонмаҳмадов, М.Қ.Кабутов, Д.Б.Қодиров, С.Ҷ.Комилов, М.Р.Кошонова, А.Қ.Қурбонов, Ф.М.Муминова, Д.М.Набиева, И.Қ.Нарзиқулов, Т.Д.Низамова, М.Н. Нурмахмадов, Р.К.Раджабов, Р.К.Рахимов, Т.Р.Ризоқулов, Х.М.Саидмуродов, З.Султонов, Б.Т.Тохирджонов, Р.У.Улмасов, Х.Умаров, Т.Д.Усмонов, Х.Н.Фақерова, Ю.Р.Юсуфбеков ва дигарон пешниҳод гардидаанд. Аз ҷониби онҳо

инчунин заминаҳои назариявӣ ва методологии ислоҳоти муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат ва шуғл баррасӣ ва пешниҳод карда шудаанд, зарурати таъсиргузории давлат ба тағйирот дар бозори меҳнат, муносибатҳои меҳнатӣ ва муҳиммияти хадамоти шуғл дар ин раванд асоснок гардидаанд. Дар баробари ин, дар асарҳои ин ва дигар муаллифон масъалаҳои муносибатҳои тақсимотӣ дар истифодабарии қувваи корӣ дар раванди танзими бозори меҳнат, инчунин баланд бардоштани нақши ниҳодҳои бозори меҳнат, аз ҷумла хадамоти шуғли аҳолӣ, ба таври кофӣ инъикос наёфтаанд.

**Алоқамандии таҳқиқот бо барномаҳои давлатии рушд, барномаҳои илмӣ (лоиҳаҳо), мавзӯъҳо.** Мавзӯи таҳқиқот бо лоиҳаи корҳои илмӣ-таҳқиқот тадқиқотӣ барои солҳои 2022-2026-и Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи: «Асосҳои иҷтимоию меҳнатии таъмини шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Лоиҳаи таҳқиқотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар мавзӯи: «Таъмини амнияти иқтисодӣ дар асоси баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» алоқаманд мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИКОТ

**Ҳадафи таҳқиқот** таҳияи равишҳои маҷмӯии баланд бардоштани самаранокии хадамоти шуғли аҳолӣ, ҳамчун муҳимтарин ниҳоди бозори меҳнат дар муносибатҳои тақсимотӣ ва истифодаи қувваи корӣ дар танзими бозори меҳнат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи таҳқиқот зарурати ҳалли масъалаҳои зеринро пешбинӣ намуд:

– омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди хадамоти шуғл дар низоми ниҳодҳои бозори меҳнат;

- таҳқиқи таҷрибаи хориҷии фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ;

– таҳлил намудани ҳолат ва муайян кардани тамоилҳои рушди хадамоти шуғли аҳолӣ, инчунин махсусиятҳои ташаккулёбии талабот ба хизматрасониҳои онҳо дар бозори меҳнати Тоҷикистон;

- арзёбӣ намудани нақши хадамоти шуғли аҳолӣ дар сохтори бозори меҳнат, инчунин татбиқи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ;

- гузаронидани мониторинги самаранокии хизматрасониҳое, ки аз ҷониби хадамоти шуғли аҳолӣ расонида мешаванд ва беҳтаргардонии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ;

- асоснок ва мушаххас намудани самтҳои асосии такмили фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ, ҳамчун ниҳоди танзими бозори меҳнат мебошад.

**Предмети таҳқиқот** муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқӣ мебошанд, ки дар ҷараёни фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ ва танзими бозори меҳнат ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** дар асоснок кардани мавқеъ мебошад, ки тибқи он такмили фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ ҳамчун ниҳоди бозори меҳнат дар қаринаи такмили механизми танзим омили муҳими баланд бардоштани

самаранокии идоракунии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон махсуб меёбад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои илмии олимон-иқтисодшиносони ватанию хориҷӣ дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар маҷмӯъ ва бозори меҳнат дар алоҳидагӣ, инчунин санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ аз рӯйи мавзӯи кори таҳқиқотӣ ташкил додаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** асарҳои классикони илми иқтисод, осори олимони муосири ватанӣ ва хориҷӣ оид ба назарияи муносибатҳои тақсимотӣ дар истифодаи қувваи корӣ дар раванди танзими бозори меҳнат аз ҷониби муассисаҳои хадамоти шуғли аҳолӣ мебошанд.

**Методҳои таҳқиқот.** Зарурати таҳлили амиқ ва эътимоднокии хулосаҳои назариявии муаллиф тавассути истифодабарии методҳои умумии илмӣ ва усулҳои равиши систематики, дедуксия ва индуксия, аналогия, ягонагии таҳлили таърихию мантиқӣ ва оморӣ таъмин карда шудаанд. Вобаста ба масъалаҳои ҳалшаванда усулҳои абстрактӣ-мантиқӣ, иқтисодӣ-оморӣ, эмпирикӣ, монографӣ, муқоисавӣ, сотсиологӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ ва ғайра истифода шудаанд.

**Заминаи иттилоотӣ ва таҷрибавии таҳқиқот** санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор, маводи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои мамлакат, инчунин маводи конференсияҳои илмию амалӣ, монографияҳо ва дигар маводҳое, ки дар матбуоти даврӣ ба нашр расидаанд, захираҳои иттилооти интернетӣ, коркардҳои шахсӣ ва ҳисобу китобҳои худи муаллиф мебошанд.

**Марҳалаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар давраи солҳои 2007-2023 анҷом дода шудааст.

**Асоси иттилоотӣ ва таҷрибавии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар асосноккунии назариявӣ ва коркарди амалӣ - методологии механизми танзими бозори меҳнат ва самаранокии хадамоти шуғли аҳолӣ ҳамчун ниҳоди муҳимтарини он тавассути равиши индикативӣ-мониторингӣ аз ҳисоби таҳкими ҷузъи иттилоотӣ ба назар гирифтани натиҷаҳои ҳамкории субъектҳои бозори меҳнат ва низоми таҳсилоти касбӣ мебошад.

**Ба аносири асосӣ ва муҳими навгонии илмӣ метавон дохил намуд:**

1. Моҳияти мафҳуми иқтисодии «шуғли аҳолӣ», фарогири маҷмӯи муносибатҳои иштироки аҳолӣ дар фаъолияти меҳнатӣ, қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ ва ба даст овардани даромад аниқ карда шуд; тамоилҳои мавҷудаи рушд зимни ҳаллу фасли масъалаҳои шугли пурмаҳсул, инчунин асосҳои назариявию методологии ташаккулёбӣ ва рушди хадамоти шугл дар сохтори ниҳоди бозори меҳнат муайян ва мушаххас карда шудаанд.

2. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба моделҳои идоракунии бозори меҳнат ва фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ равишҳои мушаххас муайян ва

асоснок карда шудаанд, ки дар ҳалли проблемаҳои муҳимтарини бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд.

3. Дар асоси равиши индикативӣ-мониторингӣ бо истифода аз механизми маҷмӯии танзими бозори меҳнат таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунии бозори меҳнат ва фаъолияти хадамоти шуғли аҳолии Тоҷикистон гузаронида шуд.

4. Ба нақш ва аҳамияти хадамоти шуғли аҳолӣ дар татбиқи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муайян намудани омилҳои таъсиргузор ба механизми мавҷудаи танзими бозори меҳнат ва ташаккули низоми хизматрасонӣ тавассути шуғли аҳолӣ барои таъмини шуғли пурмаҳсул баҳогузорӣ карда шуд.

5. Алгоритми мониторинги иҷрои чорабиниҳо дар доираи танзими барномавии мақсадноки муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар сегменти ҷавонони бозори меҳнати ҳудуди маҳаллӣ пешниҳод ва санҷида шуд.

6. Барои беҳтар намудани кори хадамоти шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнат маҷмӯи тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ барои татбиқи сиёсати фаъоли шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардид. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ усули тағйироти сохторӣ барои такмили идоракунӣ ва танзими бозори шуғл ва ҷудо кардани таъсири омилҳои иҷтимоию иқтисодии миллӣ ва минтақавӣ ба шуғли аҳолии ҳудуди муайян пешниҳод шудааст.

**Муқаррароте, ки барои дифоъ бароварда мешавад:**

-моҳияти категорияи иқтисодии «шуғли аҳолӣ» пешниҳод гардидааст, ки маҷмӯи муносибатҳои иштироки аҳолӣ дар фаъолияти меҳнатӣ, қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ ва ба даст овардани даромадро дар бар мегирад;

- равишҳои мушаххас омӯхта, муайян ва асоснок карда шудаанд, ки дар ҳалли проблемаҳои муҳимтарин дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, истифода бурда шаванд;

- бо истифода аз равиши мониторинги индикативӣ дар асоси механизми маҷмӯии танзими бозори меҳнат таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунии бозори меҳнат ва фаъолияти хадамоти шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд;

- омилҳое, ки ба механизми мавҷудаи танзими бозори меҳнат ва ба ташаккули низоми хизматрасонӣ аз ҷониби хадамоти шуғли аҳолӣ ҷиҳати таъмини шуғли пурмаҳсул таъсир мерасонанд, инчунин, омилҳое, ки ба арзёбии нақш ва аҳамияти хадамоти шуғли аҳолӣ дар татбиқи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, омӯхта ва пешниҳод карда шудаанд;

- пешниҳод ва татбиқи алгоритми мониторинги иҷрои чорабиниҳо дар доираи танзими барномавии мақсадноки муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар сегменти ҷавонони бозори меҳнати ҳудуди маҳаллӣ;

- барои беҳтар намудани кори хадамоти шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнат барои татбиқи сиёсати фаъоли шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ таҳия ва пешниҳод карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи механизмҳои мавҷудаи хадамоти шуғли аҳолӣ ҳамчун муҳимтарин ниҳоди бозори меҳнат дар заминаи хусусиятҳои фаъолияти он дар минтақаи сернуфус иборат аст. Таҳлили мазкур ба муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши хадамоти шуғли аҳолӣ дар низоми ниҳодҳои бозори меҳнат, бо таваҷҷӯҳ ба таъмини шуғли пурмаҳсул дар низоми иқтисоди миллӣ асос ёфтааст, ки имкон дод, хусусиятҳои такмили вазифаҳои давлатӣ дар танзими бозори меҳнат муайян карда шаванд.

**Аҳамияти илмию амалии тадқиқот** дар он аст, ки як қатор тавсияҳои муаллиф аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таҳияи барномаҳои давлатии рушд ва такмили соҳаи бозори меҳнат ва шуғл, фаъолияти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шуданд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳкикот дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти касбии олии ҷумҳурӣ ҳангоми таълими курсҳои «Иқтисодиёти меҳнат», «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёт ва сотсиологияи меҳнат» ва ғайра истифода бурда мешаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳоро** интихоби усулҳои қобили таққиқот, теъдоди кофии маводи дар раванди таҳқиқот истифодашуда, эътимоднокии захираҳои иттилоотии ҷамъоварда ва коркардшуда оид ба мавзӯи таҳқиқот, асосноккунии мавқеъҳои илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар диссертатсия зикр ёфтаанд, инчунин маводи банашррасида тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқоти рисола ба нуктаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 08.00.12-Иқтисоди меҳнат мувофиқат мекунад: 5.3. Проблемаҳои назариявӣ ва методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; 5.5. Бозори меҳнат, фаъолият ва рушди он, сохтор ва сегментатсия (байналмилалӣ, миллӣ, минтақавӣ, дохилиширкатӣ ва ғ.); шуғли аҳолӣ (ташаккули шаклҳо ва намудҳо); бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, роҳҳои коҳиш додани онҳо); 5.7. Масъалаҳои сифати қувваи корӣ, омодасозӣ, ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии ахолӣ; серҳаракатии кадрҳо; 5.11. Муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ: система, сохтор, намудҳо, субъектҳо, механизмҳои танзим. Танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ – ҷанбаҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва корпоративӣ; таъсири фаъолонаи муносибатҳои ҷамъиятию меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он; 5.18. Шуғл ва намудҳои он. Хусусиятҳои соҳавии меҳнат. Шуғли ғайрирасмӣ ва роҳҳои бартараф кардани он.

**Саҳми шахсии довталаб барои гирифтани унвони илмӣ.** Тамоми марҳалаҳои кор оид ба таҳқиқоти диссертатсия бо иштироки бевоситаи муаллифанҷом дода шуанд: интихоби мавзӯи таҳқиқот, тартиб додани нақшаи корӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи оморӣ, интихоби адабиёт, асоснок кардани аҳамият, ҳадаф ва вазифаҳои кор.

**Апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ тавассути маърӯзаҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмию назариявӣ ва илмию амалӣ дар давраи аз соли 2014 то 2023 дар Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд.

**Маводи нашргардида оид ба мавзӯи рисола.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 31 кори илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 14,9 саҳ., аз ҷумла дар 14 нашрияи ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, нашр гардидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт, ки 199 номгӯйро дар бар мегирад, иборат аст. Кори диссертатсионӣ дар 183 саҳифаи матни компютерӣ ҷой дода шуда, аз 38 ҷадвал, 8 расм ва 18 диаграмма иборат аст.

## ҚИСМАТИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддимаи** таҳқиқоти диссертатсионӣ мубрамии мавзӯи таҳқиқотӣ, сатҳи омӯзишии он, ҳадаф ва вазифаҳо муайян карда шуда, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда мешаванд.

Дар боби якуми кори диссертатсионӣ – **«Асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши нақши хадамоти шуғли аҳолӣ ҳамчун воситаи танзими бозори меҳнат»**, асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши ниҳодҳои бозори меҳнат ва шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар шароити бозор баррасӣ гардидаанд, хадамоти шуғли аҳолӣ дар сохтори бозори меҳнат, омилҳои ташаккули низоми хизматрасонӣ, дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва моделҳои идоракунии бозори меҳнат ва фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ, инчунин татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд, равишҳои мушаххас муайян ва асоснок карда шудаанд, ки дар ҳалли проблемаҳои муҳим ва аҳаммиятноки дар бозори меҳнат мавҷудбуда метавонанд истифода шаванд.

Дар рисола бозори меҳнат ҳамчун соҳаи муайянкунии талабот ва пешниҳод ба қуваи корӣ ва хадамоти шуғли аҳолӣ ҳамчун яке аз ниҳодҳое, ки фаъолияти бозори меҳнатро таъмин менамояд ва дар он нақши муҳим мебозад, баррасӣ карда шудаанд. Ин хадамот ҷузъи асосии танзими бозори меҳнат буда, вазифаҳои бисёрсамтро иҷро мекунад. Мисоли чунин вазифаҳо: пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ, кӯмак ба бекорон дар пайдо кардани ҷойи кор ва расонидани кӯмаки равонӣ. Аммо ҳадафи асосии хадамоти шуғли аҳолӣ таъмини шуғли аҳолии бекор ва ҳифзи бевоситаи иҷтимоӣ мебошад.

Бинобар ин, бозори меҳнат ҳамчун майдоне амал мекунад, ки дар он дар раванди истеҳсоли молу хизматрасониҳо талабот ба қувваи корӣ ташаккул меёбад ва ҳамчун майдоне амал мекунад, ки дар он эҳтиёҷоти корфармо ба қувваи корӣ қонеъ гардонида мешавад, инчунин нархи қувваи корӣ муайян мегардад.

Талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат нақши муҳим мебозанд, яъне. муносибати байни корманд ва корфармо, инчунин шуғли пурра ва самарабахш дар якҷоягӣ бо ҳамдигар шуғли муносибро ба вуҷуд меоранд, ки имкон медиҳанд дар бозори меҳнат коргарон аз рӯйи соҳаҳо ва минтақаҳо тақсим карда шаванд ва инсон ҳамчун шахсият пурра ва ҳаматарафа рушд ёбад.

Шуғли пурмаҳсул ба соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятии моддӣ хос аст. Вай кодир аст, ки барои кормандон даромади меҳнатӣ оварад ва зуҳуроти бекории пинҳонии шахсонеро, ки дар расман дар иқтисодиёт машғуланд, вале амалан ягон чиз истеҳсол намекунанд, яъне теъдоди зиёдатии кормандонро комилан бартараф мекунад.

Вобаста ба рушди иқтисодиёти давлат, раванди рақамикунонӣ ва рушди шуғли пурмаҳсул, талабот ба қувваи корӣ, сатҳи тахассуси он, сатҳи дониш, қобилият, малака, бо ибораи дигар, ба сатҳи салоҳиятнокӣ тағйир меёбад. Сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ бояд ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода, дар тағйир додани талаботи корфармоён дар бозори меҳнат, ташкили таълими мувофиқи талаботи бозори меҳнат, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддат, роҳнамоии касбӣ чандиртар бошад.

Хизматрасонии шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнат дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, ҳамкории байни корфармоён ва кормандон, ба касбомӯзӣ ва бозомӯзии бекорон, инчунин дар роҳнамоии касбии шаҳрвандон нақши калон мебозад. Ҳадамоти шуғли аҳолӣ фаъолияти худро то чи андоза хуб, мутаносиб ва самаранок пеш мебарад, бо ҳамон андоза татбиқи стратегияҳои муҳимтарини иҷтимоию иқтисодӣ ва барномаҳои рушди давлат самарабахш хоҳад буд.

Дар маҷмӯъ, мо бозори меҳнатро «ҳамчун ҷузъи муҳими низоми бозорӣ, ки ҳамоҳангсозии манфиатҳои корфармоён ва қувваи кории кироярo таъмин менамояд» мешуморем.

Ҳамин тариқ, бозори меҳнат ҳамчун майдоне амал мекунад, ки дар он дар раванди истеҳсоли молу расонидани хизматҳо талабот ба қувваи корӣ ташаккул меёбад ва майдоне, ки дар он талаботи корфармо ба қувваи корӣ қонеъ гардонида мешавад ва нархи меҳнат муайян карда мешавад, ки дар он ҳадамоти шуғли аҳолӣ ба сифати миёнарав баромад кунанд. Сохтори бозори меҳнат аз маҷмӯи алоқаҳои ба ҳам алоқаманд ва алоқаҳои ботартиби байни онҳо иборат буда, онро ҳамчун низом тавсиф мекунад.

Дар диссертатсия сохтори бозори меҳнат таҳқиқ гардида, нишонаҳое ошкор карда шудаанд, ки ҳадамоти шуғл унсури он буда, дар фаъолият ва танзими он нақши асосӣ дорад. Дар асоси ин мо сохтори ҳамкории субъектҳои бозори меҳнатро пешниҳод намудем, ки дар он ҳар як унсур вазифаи худро иҷро намуда, бозори меҳнат ва танзими онро фаъол мегардонад (расми 1).




**Расми 1 -** Сохтори ҳамкории мутақобилаи субъектҳои бозори меҳнат (таҳияи муаллиф)

Вобаста аз самтҳои фаъолият, ки ба бозори меҳнат таъсир мерасонанд, як қатор омилҳои берунӣ ва дохилӣ мавҷуданд, ки самаранокии фаъолияти хадамоти шуғлро муайян мекунанд.

Ба андешаи муаллиф, фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ бевосита аз омили демографӣ вобаста аст, зеро вазифаи асосӣ расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ, аз қабили гирифтани кӯмакпулӣ оид ба бекорӣ, омӯзиши касбӣ ва бозомӯзӣ, шуғли аҳолӣ ва ғайра мебошад. Афзоиши аҳолӣ ва тақсимоти гендерӣ ба нишондиҳандаҳои микдорӣ ва сифатии хизматрасонӣ таъсир мерасонанд. Илова бар ин, ба беҳбудӣ ва рушди бозори меҳнат дар заминаи рақамисозӣ ва фаъолсозии хадамоти шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, инчунин омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти хизматрасонӣ аз ҷониби хадамоти шуғли аҳолӣ таъсири махсус мерасонад.

Дар боби дуюми рисола – **«Таҳлили фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, таҳлили вазъи кунунии бозори меҳнат ва фаъолияти хадамоти шуғли аҳолии Тоҷикистон бо истифода аз механизми ҳамаҷонибаи танзими бозори меҳнат, инчунин бо истифода аз равиши индикативӣ-мониторингӣ, нақш ва аҳамияти хадамоти шуғли аҳолӣ дар татбиқи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар Тоҷикистон дар асоси омӯзиши ҳуҷҷатҳои барномавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва механизмҳои мавҷудаи бозори меҳнат бо роҳи баррасии омилҳои таъсиррасон ба ташаккули системаи хизматрасонии шуғли аҳолӣ дар раванди таъмини шуғли пурмаҳсул анҷом дода шуд.

Дар диссертатсия шумораи корхонаҳое, ки дар бораи зарурати қувваи корӣ барои ишғол кардани ҷойҳои холии кории ба хадамоти шуғли аҳолӣ эълоншуда барои солҳои 2013-2022 тартиб додаанд, таҳлил ва арзёбӣ шуданд. Маълумот нишон дод, ки шумораи корхонаҳое, ки дар бораи ҷойҳои холии корӣ ба хадамоти шуғли аҳолӣ маълумот додаанд, дар давраи таҳлилӣ 39,2% зиёд шудааст. Дар баробари афзудани шумораи корхонаҳое, ки маълумотро дар бораи эҳтиёҷоти қувваи корӣ тартиб дода, ба хадамоти шуғли аҳолӣ талаботи муассисаҳоро ба қувваи корӣ пешниҳод намудаанд, талаботи корхонахо ба қувваи корӣ дар давраи таҳқиқотӣ чандон зиёд нагардида, 68,8 фоизро ташкил додааст (расми 2).




**Расми 2 - Шумораи корхонаҳое, ки дар бораи зарурати қувваи корӣ барои ишғол кардани ҷойҳои холии корӣ маълумот пешниҳод намуда, дар охири сол ба хадамоти шуғли аҳолӣ дархост додаанд (ҳисобҳои муаллиф)**

Раванди демографӣ омили асосии ба вазъи бозори меҳнат таъсиррасон мебошад, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ хос буда, афзоиши миёнаи солонаи он 2,1-2,2 фоизро ташкил медиҳад. Дар даҳ соли охир (2013-2022) шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7987,4 ҳазор нафар ба 10078,4 ҳазор нафар расид, ки афзоиши он 26,2 фоизро ташкил медиҳад. Ҳиссаи

занон дар соли 2022 – 49,3 фоизро ташкил медиҳад. 5804,7 ҳазор нафар шаҳрвандони синни қобили меҳнат — 57,6 фоизи шумораи умумии аҳолӣ буданд. Ҷавонон дар соли 2022 – 2564,4 ҳазор нафар – 25,4 фоизи шумораи умумии аҳолӣ ва 44,2 фоизи аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳанд.

Талабот ба қувваи корӣ дар бозори меҳнат дар давраи баррасӣ афзоиш ёфтааст, аммо пешниҳоди қувваи корӣ аз талаботи корфармоён зиёдтар аст. Шумораи бекорон, дар ҷустуҷӯи кор, дар як ҷойи кори эълоншуда ба қайд гирифташуда дар соли 2022 – 17,1 нафарро ташкил дод ва 2,4 баробар зиёд шуда, соли 2021 – 106262 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2020 – 2,7 фоиз зиёд мебошад.

Дар сатҳи минтақавӣ шумораи бекороне, ки дар муассисаҳои шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, якхела набуд, масалан дар соли 2022 дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шумораи бекорон -38,6 фоизи шумораи умумии бекоронро ташкил дод ва ин дар ҷумҳурӣ нишондиҳандаи баландтарин мебошад.

Тибқи таҳлили маълумот дар давоми 10 соли охир, шумораи бекорони дар ХША ба қайд гирифташуда -4,4% зиёд гардида, дар соли 2022 -54,6 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нишондиҳандаи мазкур дар муқоиса бо соли 2013 2,3 ҳазор нафар зиёдтар мебошад.

Бо шуғл фаро гирифтани қишрҳои осебпазири аҳолӣ дар бозори меҳнат яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ маҳсуб меёбад ва бо ин мақсад дар корхонаю ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият ва идоракунӣ, барои ҷойҳои корӣ квота муқаррар карда шудааст.

Дар масъалаи шуғл, давомнокии ҷустуҷӯи кор нақши калон мебозад. Дар давоми даҳ соли охир бо кам шудани шумораи бекорон, зиёдшавии давомнокии ҷустуҷӯи кор ба назар мерасад, ки ин метавонад ба фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ таъсири манфӣ расонад (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Тақсимоти теъдоди бекорони дар хадамоти шуғл бақайдгирифташуда аз рӯйи давомнокии ҷустуҷӯйи кор (ҳаз. наф.)**

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022 к 2013% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бекорон ҳамагӣ (ҳаз. нафар) | 52342 | 53870 | 55502 | 51122 | 53087 | 49662 | 47522 | 48967 | 49888 | 54564 | 104,2 |
| То 1 моҳ | 2992 | 3757 | 3436 | 3039 | 3283 | 2537 | 3580 | 3414 | 3588 | 4513 | 150,8 |
| Аз 1 то 3 моҳ | 11559 | 11715 | 12089 | 12153 | 13795 | 11545 | 12026 | 13705 | 14409 | 13589 | 117,6 |
| Аз 3 то 6 моҳ | 13971 | 12723 | 13763 | 12959 | 13076 | 11990 | 9915 | 10140 | 10096 | 10568 | 75,6 |
| Аз 6 то 12 моҳ | 13156 | 14789 | 14206 | 11666 | 10244 | 9633 | 8103 | 7666 | 8681 | 8840 | 67,2 |
| Беш аз як сол | 10664 | 10886 | 12008 | 11305 | 12689 | 13957 | 13898 | 14042 | 13114 | 17054 | 159,9 |
| Вақти миёнаи ҷустуҷӯйи кор | 7,6 | 7,6 | 7,8 | 7,7 | 8,3 | 8,4 | 8,3 | 8 | 7,7 | 8,4 | 110,5 |

**Манбаъ: ҳисобҳои муаллиф расчеты автора на основе данных статистического сборника Рынок труда в РТ. Статистический сборник. Душанбе: Агентство по статистике при Президенте РТ, 2023. - С. 147-148**

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 1 нишон медихад, ки давомнокии ҷустуҷӯи кор дар давраи то 1 моҳ -50,8 %, аз 1 то 3 моҳ – 17,6% ва зиёда аз як сол -59,9% зиёд шудааст.

Бояд қайд намуд, ки яке аз ҳадафҳои афзалиятноки СМР-2030 таъмини рушди шуғли пурмаҳсул мебошад. Ба андешаи мо, барои бомуваффақият расидан ба ин ҳадаф зарур аст, ки рушди хадамоти онлайнӣ дар соҳаи бокортаъминкунӣ, тайёркунӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисосро ҳамчун вазифаҳои аввалиндараҷа таъмин намуд.

Пандемияи COVID-19 аҳамияти рушди рақамикунониро дар шакли хизматрасониҳои давлатӣ ва махсусан хадамоти шуғли аҳолӣ инъикос намуд.

Дар диссертатсия механизми ташкилии хизматрасонии шуғли аҳолӣ пешниҳод шудааст, ки дар он хадамоти шуғли аҳолӣ ба ду намуд тақсим мешавад, инҳо хадамоти шуғли ғайридавлатӣ (ташкилотҳои хусусӣ ва агентиҳои хусусии шуғли аҳолӣ) ва хадамоти давлатии шуғл: Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва Агентии бо шуғлтаъминкунӣ дар хориҷаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мебошанд (расми 2).

Мониторинги таъсиси ҷойҳои нави корӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои зерин амалӣ карда мешавад: «ҷойҳои кории доимӣ; ҷойҳои кории муваққатӣ; корҳои мавсимӣ; ҷойҳои кории иловагӣ ва бaрқароршуда».




**Расми 2 – Механизми ташкилии пешниҳоди хизматрасониҳои хадамоти шуғл. (таҳияи муаллиф)**

Бо мақсади баҳисобгирии дақиқи ҷойҳои нави корӣ ва ихтисоршуда, тибқи қарори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (АОПҶТ), шаклҳои нави омории баҳисобгирии ҷойҳои корӣ аз 25 декабри соли 2009, №18 «Дар бораи тасдиқи шаклҳои ҳисоботи давлатии омори № 1-меҳнат (семоҳа) «Дар

бораи ҳаракати қувваи корӣ ва ҷойҳои корӣ» ва шакли №1Т (бо мо)", «Дар бораи тасдиқи ҳисоботи давлатии оморӣ № 1-кор (семоҳа)» амал мекунанд. Мувофиқи қарори мазкур ташкилоту муассисаҳо вазифадоранд, ки маълумот оид ба таъсис ва ихтисори ҷойҳои кориро ба АОПҶТ пешниҳод намоянд. Ин раванд танҳо аз соли 2016 ба роҳ монда шудааст (ҷадвали 2).

Таҳлили ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар давраи таҳқиқотӣ шумораи ҷойҳои нави корӣ 15,2% коҳиш ёфтааст ва якхела набудааст, масалан дар соли 2014 ба андозаи 22,5% афзоиш ёфта, дар соли 2016 якбора 40% кам шудааст, дар соли 2020 бошад, 27,1% афзоиш ёфтааст ва дар соли 2022 боз ба 9,2% коҳиш ёфтааст. Дар сатҳи минтақавӣ афзоиши таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар вилояти Суғд ба 4,1 баробар, дар ВМКБ - 20,4%, дар шаҳри Душанбе – 12,4%, дар вилояти Хатлон ба андозаи 3,4% ва дар НТҶ ба андозаи 20,4% коҳиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2 – Шумораи ҷойҳои нави кории таъсисдодашуда, иловагӣ ва барқароршуда дар корхонаҳо ва ташкилотҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ**

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022 к 2013% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Теъдоди ҷойҳои нави кории таъсисдода шуда | 205333 | 251570 | 205556 | 150938 | 174131 | 160051 | 163676 | 191820 | 189168 | 174156 | 84,8 |
| ВМКБ | 12141 | 14280 | 10739 | 12026 | 12682 | 16039 | 7688 | 8591 | 12362 | 14620 | 120,4 |
| Вилояти Суғд | 59002 | 69607 | 57259 | 36046 | 38344 | 39050 | 40462 | 47052 | 36775 | 302666 | 513,0 |
| Вилояти Хатлон | 65233 | 80369 | 66111 | 50967 | 62159 | 47616 | 57968 | 72613 | 75845 | 63004 | 96,6 |
| Ш. Душанбе | 34664 | 40400 | 32000 | 27405 | 32383 | 31636 | 31813 | 28978 | 35964 | 38966 | 112,4 |
| НТҶ | 34293 | 46914 | 39447 | 24494 | 28562 | 31710 | 25745 | 34586 | 28242 | 27300 | 79,6 |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмӯаи омории Вазъи иҷтимоию иктисодии дар ҶТ январ 2013-2023 гг.. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти ҶТ, С.211-213**

Ба кор андохтани ҷойҳои нави корӣ ҳам аз ҷониби корхонаҳо, ташкилотҳо ва ҳам аз ҷониби шахсони алоҳида амалӣ карда мешавад. Дар соли 2022 дар корхонаю ташкилотҳо 63573 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудаанд, ки аз ин шумора 45388 ҷойоҳои кори доимӣ, 10859 ҷойҳои кори муваққатӣ ва 7327 ҷойҳи кории мавсимӣ мебошанд. Ҳамчунин, 1131 ҷойи кори иловагӣ таъсис ёфта, 4646 ҷойҳои корӣ барқарор карда шуданд. Аз рӯи соҳаҳо, дар соли 2022 қисми зиёди ҷойҳои корӣ аз ҷониби корхонаҳо дар соҳаи кишоварзӣ – 9350, дар ҷангал ва моҳидорӣ – 5982, дар соҳаи маориф – 11070, дар соҳаи истихроҷи канданиҳои фоиданок – 3465, дар саноати коркард – 11270, дар сохтмон – 11554, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ – 3129, дар савдои яклухт ва чакана – 4024 ва дар дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ – 15645 таъсис дода шудаанд.

Дар соли 2022 аз ҷониби шахсони воқеӣ 104 806 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудаанд, ки аз ин 70,3% (73634 ҷойи корӣ) дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва онҳое, ки корҳои хоҷагиро бидуни гирифтани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда анҷом медиҳанд, соҳибкороне, ки дар асоси патент фаъолият мекунанд – 12,2% (12827 ҷойи корӣ), хоҷагиҳои деҳқонӣ - 7,6% (7919 ҷой) ва соҳибкороне, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият мекунанд – 9,9% (10426 ҷой) мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаккул ва рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ низоми нави корфармоён бо эҳтиёҷоти қувваи кории кироя, сатҳи тахассус, малака ва имкониятҳо ташаккул меёбад.

Ташаккули корхонаю ташкилотҳо дар давраи таҳлилӣ беш аз 5,9 маротиба афзуда, дар соли 2022 52134 ададро ташкил дод. Теъдоди бештари корхонаву ташкилотҳо ба соҳаи маориф рост меояд ва нишондиҳандаи мазкур дар соли 2022 5682 ададро ташкил дода, зиёда аз 35,2 маротиба афзудааст. Шумораи

меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо беш аз 19,1 баробар зиёд гардида, 1335 ададро ташкил дод, теъдоди муассисаҳои савдои яклухт ва чакана бештар аз 9 баробар (9721 адад) афзуд. Тамоили таъсиси корхонаю ташкилотҳо талаботи корфармоёнро ба қувваи корӣ дар бозори меҳнат ташаккул медиҳад, ки тавсеа ва тақвияти фаъолияти ХША-ро дар танзими сиёсати давлатӣ дар бозори меҳнат тақозо менамояд.

Мақомоти маҳаллии шуғли аҳолӣ эҳтиёҷоти бозори меҳнатро омӯхта, шумораи гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолиро, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманданд ва дар бозори меҳнат рақобат карда наметавонанд, муайян намуда, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои муқаррар намудани квота дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва идоракунии онҳо, пешниҳод менамоянд. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ якҷоя бо намояндагони иттиҳодияҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба ҳар сол дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва хочагидорӣ квота муқаррар мекунанд.

Дар соли 2022 аз рӯи квота 8015 нафар бо кор таъмин карда шуданд, ки ин 10,8% шумораи умумии шаҳрвандони бо кор таъминшуда тавассути хадамоти шуғлро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, нақши хадамоти шуғли аҳолӣ дар ҳалли мушкилоти табақаҳои осебпазири аҳолӣ баланд аст. Аз ҷониби Хадамоти шуғли аҳолӣ дар соли 2022 54,6 ҳазор нафар ҳамчун бекор ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 49,6% занон ва 63,3% ҷавонон мебошанд.

**Ҷадвали 3 - Динамикаи тақсимоти бекороне, ки дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, аз рӯи ҷинс ва синну сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳолати 1 январ ҳазор нафар)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | 2022 | 2021 к 2013% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Теъдоди бекорон, ҳамагӣ | 52,3 | 53,9 | 55,5 | 51,0 | 53,1 | 49,7 | 47,5 | 49 | 49,9 | 54,6 | 104,4 |
| - занон | 26,8 | 27,1 | 28,7 | 27,3 | 27,4 | 25,5 | 22,6 | 21,9 | 23,8 | 26,8 | 100,0 |
| - ҷавонони то синни 29-сола | 30,1 | 33,1 | 32,6 | 31 | 30,6 | 30,8 | 27,5 | 31 | 31,2 | 32,2 | 107,0 |
| ВМКБ | 3,1 | 3,2 | 3,3 | 3,0 | 4,4 | 4,9 | 5,1 | 4,5 | 4,7 | 5,5 | 177,4 |
| - занон | 2,0 | 1,8 | 2,1 | 2,0 | 2,6 | 2,8 | 2,9 | 2,3 | 2,7 | 3,1 | 155,0 |
| -ҷавонони то 29-сола | 2,01 | 1,62 | 0,9 | 1,9 | 2,1 | 1,9 | 2,2 | 2,15 | 2,44 | 2,14 | 106,5 |
| Вилояти Хатлон | 23,1 | 22,8 | 24,3 | 21,0 | 18,9 | 16 | 15 | 14,6 | 15 | 16,2 | 70,1 |
| - занон | 12,3 | 12,5 | 13,5 | 12,8 | 11,0 | 9,5 | 7,5 | 6,4 | 6,5 | 7,3 | 59,3 |
| - ҷавонони то синни 29-сола | 13 | 14 | 14,9 | 12,5 | 11,4 | 10,7 | 8 | 10,3 | 9,4 | 11,2 | 86,2 |
| Вилояти Суғд | 11,7 | 11,4 | 10,9 | 11,0 | 10,8 | 9,7 | 8,1 | 8,9 | 7,9 | 7,8 | 66,7 |
| - занон | 5,9 | 5,4 | 5,1 | 5,4 | 5,5 | 4,9 | 4 | 4,3 | 4 | 4,2 | 64,6 |
| - ҷавонони то синни 29-сола | 8,2 | 8,3 | 7,3 | 7,3 | 6,6 | 6,6 | 5,1 | 5,7 | 5 | 5,2 | 60,5 |
| НТҶ | 12,0 | 14,0 | 14,5 | 13,3 | 16,6 | 16,6 | 16,6 | 17,6 | 17,5 | 21,1 | 168,8 |
| - занон | 5,6 | 6,3 | 7,0 | 5,9 | 7,0 | 7,2 | 7 | 7,5 | 8,1 | 9,9 | 165,0 |
| - ҷавонони то синни 29-сола | 5,4 | 7 | 7,5 | 7,3 | 8,4 | 9,7 | 10 | 10,3 | 9,8 | 11,6 | 187,1 |
| ш. Душанбе | 2,4 | 2,4 | 2,5 | 2,7 | 2,5 | 2,5 | 2,7 | 3,3 | 4,9 | 4,0 | 153,8 |
| - занон | 1,0 | 0,9 | 1,1 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 1,4 | 2,5 | 2,3 | 230,0 |
| - ҷавонони то синни 29-сола | 1,6 | 1,9 | 1,9 | 2,1 | 2,2 | 1,9 | 2,1 | 2,48 | 4,49 | 1,9 | 111,8 |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмӯаи омории Бозори меҳнат дар ҶТ. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти ҶТ, 2021-С.324; 2022. - С. 154.**

Дар давраи таҳқиқотӣ шумораи занони бекоре, ки дар ХША ба қайд гирифта шудаанд, дар як сатҳ буда, яксон набуд. Чуноне ки, аз соли 2013 то соли 2015 бо

тадриҷ 7,1% афзоишт ёфта, аз соли 2015 то соли 2020 23,7% ё ба миқдори 6,8 ҳазор нафар коҳишёбӣ ба назар мерасад, дар соли 2022 афзоиш то ба 22,4% ба амал меояд. Шумораи ҷавонони бекоре, ки дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, дар давраи таҳлилӣ 7 фоиз афзоиш шудааст, аммо сатҳи тағйирёбии он яксон нест. Масалан, дар соли 2014 афзоиши 10% ва сатҳи коҳишёбии минбаъда то соли 2019 16,9% ё ба 5,6 ҳазор нафар буда, аз соли 2019 то соли 2022 бошад, афзоишёбӣ 3,9 фоизро ташкил медиҳад (Ҷадвали 3).

Дар сохтори минтақавӣ занони бекори дар қайди шуғли аҳолибуда бештар дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба мушоҳида расида, 31,4 фоизро ташкил медиҳад, дар шаҳри Душанбе 2,3 баробар, ВМКБ – 11,3%, ҳиссаи ҷавонони бекори ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ -87,1 фоиз, шаҳри Душанбе -11,8 фоизро ташкил дода, дар вилояти Хатлон ва вилояти Суғд шумораи ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, дар ҳамаи минтақаҳо шумораи бекорони дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда аз байни занону ҷавонон тамоили камшавӣ дорад.

Таҳлили раванди иҷрои нишондиҳандаҳои дурнамои барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2020-2022. нишон дод, ки мусоидат ба шуғли аҳолӣ аз ҳисоби ҷойҳои кории мавҷуда аз ҷониби агентӣ 9,9 фоиз ё 12830 нафар барзиёд таъмин гардидааст, вале нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда -11,4 фоиз камтар занон ва -18,1 фоиз камтар ҷавонон бо кор таъмин шудаанд. Дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои роҳнамоии касбӣ ва машваратӣ агентӣ нисбат ба нақша -45,2 фоиз бештар корҳоро анҷом додааст, аммо хизматрасонӣ ба занон -69,8 фоиз ва ба ҷавонон 81,8 фоиз камтар аз нишондиҳандаҳои пешбинишуда расонида шудааст. Фарогирӣ ба курсҳои кӯтоҳмуддати «Таҳсилоти касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии касбҳо», ки дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ талабот доранд, нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 4,5 фоиз кам, аз ҷумла занон 6,7 фоиз ва ҷавонон 55,9 фоиз камтар мебошад. Теъдоди шаҳрвандоне, ки ба корҳои муздноки ҷамъиятӣ ҷалб карда шуданд, умуман 1,9 фоиз зиёд, аммо ҳиссаи занон 40,3 фоиз ва ҷавонон низ 61,7 фоиз кам буд. Дастгирии иҷтимоӣ аз тариқи таъин ва пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ 41,4 фоиз ва барои занон 89,4 фоиз камтар аз нишондиҳандаҳои пешбинишуда таъмин гардид. Дастгирии ташаббусҳои шаҳрвандон дар соҳаи соҳибкорӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ тавассути додани қарзҳои имтиёзнок ба онҳо 19,8 фоиз, занон 37 фоиз ва ҷавонон 66,2 фоиз коҳиш ёфтааст.

Ҳамин тариқ, ҳангоми муроҷиат ба хадамоти шуғли аҳолӣ дар давоми ду соли татбиқи Барномаи давлатӣ шумораи занон 132628 нафар ё 47,6 фоиз ва ҷавонон 136437 нафар ё 49 фоизро дар тамоми соҳаҳо ташкил дода, нишондиҳандаҳои пешбинишуда ба иҷро нарасидаанд.

Дар боби сеюми рисола – **«Самтҳои асосии механизмҳои танзими бозори меҳнат ва такмили фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ»** нақши хадамоти шуғли аҳолӣ дар танзими бозори меҳнат муайян гардида, мониторинги хизматрасониҳои хадамоти шуғли аҳолӣ ба аҳолӣ ва беҳтаргардонии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ гузаронида шуда, самтҳои такмилдиҳии хадамоти шуғл ва таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар бозори меҳнат асоснок ва пешниҳод карда шуданд.Дар заминаи омӯзиши вазъи кунунии бозори меҳнат маълум гардид, ки таъсири махсуро ба он давлат мерасонад. Дар робита бо ин, сиёсати давлатии танзими бозори меҳнат ҳамчун маҷмӯи воситаҳо, усулҳо ва вазифаҳои идоракунӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ (хадамоти шуғли аҳолӣ) амалӣ карда мешаванд, баррасӣ мегардад. Пеш аз ҳама, сиёсати танзими давлатӣ ба такмили механизми бозори меҳнат нигаронида шудааст, ки объектҳои танзими мазкур аз инҳо иборатанд: муносибатҳои меҳнатӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ, тақсим

ва азнавтақсимкунии қувваи корӣ, тайёркунӣ ва такмили ихтисоси қувваи корӣ ва ғайра.

Дар диссертатсия раванд ва унсурҳои механизми танзими бозор аз ҷониби хадамоти шуғли аҳолӣ пешниҳод шудааст (расми 4).

Зимни омӯзиш муайян карда шуд, ки дар фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ дар минтақаҳо ҳангоми истифодаи маблағҳои аз буҷети давлатӣ ҷудошуда мушкилот вуҷуд дорад.

Дар асоси ин равиши маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ муайян карда шуд. Самаранокии танзими бозори меҳнат бевосита аз мониторинги талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ вобаста аст. Барои беҳтар намудани раванди мониторинг тадбирҳо пешниҳод карда шуданд, ки ба мақсаднок истифода бурдани заминаи молиявӣ барои пешбурди корҳои иҷтимоии хадамоти шуғли аҳолӣ, аз қабили тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани сатҳи салоҳияти кадрҳо, муайян намудани талаботи корфармоён ба дониш, маҳорат ва салоҳияти коргарон, ошкор намудани касбҳои серталаб ва аз байн рафтаистода мусоидат менамоянд. Татбиқи тадбирҳои пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки механизмҳои хизматрасонии бо кор таъмин намудани аҳолӣ дар маҷмӯъ инкишоф дода шаванд.




**Расми 4 - Раванд ва унсурҳои механизми танзими бозор аз ҷониби хадамоти шуғли аҳолӣ (муаллиф таҳия кардааст)**

Барои арзёбии вазъи тағйирёбандаи бозори меҳнат ва самаранокии фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ мониторинг гузаронидан зарур аст. Барои гузаронидани таҳқиқот барои шаҳрвандоне, ки ба хадамоти шуғли аҳолӣ

мурочиат кардаанд, саволномаҳо тартиб дода шуданд. Инчунин, хизматрасониҳои хадамоти шуғли аҳолӣ дар шакли электронӣ пешниҳод карда шуданд (Рас. 5).




**Расми 5 - Пешниҳоди хадамоти шуғли аҳолӣ дар шакли электронӣ (муаллиф таҳия кардааст)**

Барои самаранокии раванди рақамикунонӣ дар соҳаи меҳнат ва фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ як қатор чорабиниҳое, ки дар рисола пешниҳод шудаанд, инчунин дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ зарур аст. хизматрасонй, дастгирии молиявӣ зарур аст. Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 маблағҳои буҷети давлатӣ, бахши хусусӣ ва донорҳои байналмилалӣ ҳамчун манбаъҳои асосии молиявӣ номбар шудаанд.

Тавассути гузариш ба хизматрасониҳои рақамӣ ва таъмини дастрасии васеи корфармоён ва аҳолӣ ба онҳо, сатҳи бекорӣ коҳиш ёфта, ҳифзи иҷтимоии теъдоди муайяни бекорон, аз ҷумла ҷавонон, занон ва табақаҳои осебпазири бозори меҳнат таъмин карда мешавад, барои ҷорӣ намудани таълими фарогир ва рушди салоҳиятҳо шароит фароҳам оварда мешавад.

Барои муайян кардани алоқаи байни нишондиҳандаҳои шумораи аҳолӣ дар иқтисодиёт ва омилҳои таъсиррасон таҳлили коррелятсионӣ гузаронида шуд.

Бо дарназардошти ҳамоҳангии омилҳои таъсиррасон омилҳои дорои таъсири муассир интихоб карда шуданд.

Дар рафти таҳқиқот дар асоси маълумоти оморӣ, бо назардошти усулҳо ва қонунҳои эконометрӣ таҳлили регрессионӣ гузаронида шуда, модели регрессионӣ барои арзёбии «Шумораи одамоне, ки тавассути хадамоти шуғли аҳолӣ» дар сатҳи ҷумҳуриявӣ баҳо медиҳанд, таҳия гардид:

$$Y = -34774{,}5205 + 3{,}9702 \cdot x_1 + 0{,}9879 \cdot x_3 \quad (1)$$

Дар ин ҷо, $Y$ - шумораи одамоне, ки тавассути хадамоти шуғли аҳолӣ бо кор таъмин гардидаанд,

$x_1$ – шумораи корхонаҳое, ки маълумотро дар бораи зарурати қувваи корӣ барои ишғоли ҷойҳои холии корӣ тартиб дода, дар охири сол ба хадамоти шуғли аҳолӣ дархост пешниҳод кардаанд;

$x_3$ – шумораи шахсоне, ки барои кор мурочиат кардаанд.

Барои эътимоднокӣ ва истифодаи модели регрес сионӣ (1) хусусиятҳои омории он муайян карда шуданд (Ҷадвали 4).

Натиҷаҳои тавсифоти омории модели таҳияшуда эътимоднок буда, татбиқи он дар амалия мувофиқи қоидаҳо сурат мегирад.

Бояд қайд намуд, ки дар сурати ба даст овардани натиҷаҳо оид ба параметрҳои алоҳидаи модели регрессионии таҳияшуда, мудаввомияти параметрҳои дигари моделро ба назар гирифтан лозим аст.

**Ҷадвали 4** - Хусусиятҳои омории модели регрессионии баҳодиҳии "Шумораи одамоне, ки тавассути хадамоти шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кор таъминанд"

| **Сифат, $R^2$** | **Иштибоҳи миёна, $\bar{A}$** | **Эътиборнокӣ, DW** | **Арзишмандии омории параметрҳои модел** | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | a | b1 | b2 |
| 0,965 | 3,2% | 1,81 | -4,213 | 2,303 | 9,977 |

**Манбаъ**: ҳисобҳои муаллиф

Ҳамин тариқ, тибқи модели регрессионии баҳодиҳии «Шумораи одамоне, ки тавассути хадамоти шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кор таъминанд» хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст: бо афзоиши 1 воҳид, «Шумораи корхонаҳое, ки дар бораи зарурияти қувваи корӣ барои ишғол намудани ҷойҳои холии кор маълумот ҷамъоварӣ намуда, дар охири сол ба хадамоти шуғли аҳолӣ дархост пешниҳод кардаанд» дар умум «Шумораи одамоне, ки тавассути хадамоти шугли таъминот ба кор таъминанд» ба хисоби миёна 3,9702 адад меафзояд. Дар баробари ин, агар дар ҷумҳурӣ «Шумораи шахсоне, ки барои ба кор кабул кардан мурочиат намудаанд» 1 вохид зиёд шуда бошад, пас «Шумораи одамоне, ки тавассути хадамоти шуғли аҳолӣ бо кор таъминанд» ба хисоби миёна 0,9879 воҳид меафзояд.

Дар маҷмӯъ татбиқи самтҳои пешниҳодшуда ва асоснок оид ба такмили хадамоти шуғли аҳолӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар бозори меҳнат имкон медиҳад, ки фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар гардад.

## ХУЛОСАҲО ВА ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

### А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар кори диссертатсионӣ мафҳумҳо ба монанди шуғл, бозори меҳнат, бекорӣ ва ғайра таҳқиқ ва омӯхта шудаанд. Ба фикри мо, масъалаҳои таъмини шуғли пурмаҳсул ва бекорӣ дар бозори меҳнат яке аз муҳимтарин проблемаҳои назарияи иқтисодист. Дар рафти инкишофи назарияи иқтисодӣ равишҳои гуногуни назариявии таҳлили механизми фаъолияти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ пешниҳод карда шуданд. Адам Смит дар бораи вазъи рақобат байни корфармоён, оид ба талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат ва таъсири онҳо ба сатҳи музди меҳнат қайд карда буд, ки «норасоии қувваи корӣ

рақобати байни корфармоёнро ба вуҷуд меорад, ки барои ба даст овардани коргарон, якеро аз дигараш зиёд таклиф мекунанд ва бо ҳамин аҳду паймони табиии соҳибкоронро дар бораи зиёд накардани музди кор вайрон мекунанд».

Аз ҷониби Давид Рикардо чунин муайян карда шудааст: «Меъёри табиии музди кор», ҷойе, ки дар он муҳиммияти такрористеҳсоли қувваи корӣ ва вобастагии он ба ҳадди ақали физиология ошкор карда шудааст. Ҳангоми зиёд шудани музди меҳнат, ҳадди ақали мавҷуда метавонад ба пешниҳодот дар бозори меҳнат таъсир расонад ва ин бешубҳа ба коҳиш ёфтани андозаи музди меҳнат оварда мерасонад».

Талабот ва пешниҳодот ду унсури асосие мебошанд, ки тавассути онҳо мувозинат дар бозор ба даст оварда мешавад. Ин мувозинат дар қонуни Ж.Б. Сэй, ки мегӯяд: «пешниҳод талаботи худро зимни ивазкунӣ ба моли дигар пайдо мекунад», асос ёфтааст.

Маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ дар бозори меҳнат байни молики қувваи корӣ (корманд) ва харидори он (корфармо) вобаста ба ҷои кори мушаххас ҷараён дорад. Барои соҳиби қувваи корӣ имконият фароҳам оварда мешавад, ки дар он бо қувваи худ фаъолияти меҳнатиро пеш бурда, қобилият нишон дода, маблағи барои такрористеҳсолот заруриро ба даст оварад ва корфармо фоидаи пешбинишударо гирад. Дар баробари ин, бозори шуғл дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ баррасӣ шуда, сохторҳои ҳукуматӣ (ХША ва мақомоти маҳаллии он) ва сохторҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро дар бар мегирад

Ҳамин тариқ, бозори меҳнат ҳамчун минбаре амал мекунад, ки дар он дар ҷараёни истеҳсоли молу хизматҳо талабот ба қувваи корӣ ташаккул ёфта, платформае мебошад, ки дар он талаботи корфармо ба меҳнат қонеъ карда шуда, нархи меҳнат муайян карда мешавад. Пас аз баррасии мафҳуми бозори меҳнат, мо метавонем ба хулосае омадем, ки талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат нақши муҳим доранд, яъне муносибати байни корманд ва корфармо ва барои ин нишон додан лозим аст, ки худи мехнат ва мафхуми он чист.

Дар шароити муосири рушди бозори меҳнат омӯзиши шуғл ва бекорӣ аз масъалаҳои асосӣ маҳсуб мешавад. Муаллиф чунин мешуморад, ки «шуғлро ҳамчун категорияи иҷтимоию иқтисодие баррасӣ кардан лозим аст, ки маҷмӯи муносибатҳоро дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва иштироки онҳоро дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ дар асоси ташаккул, тақсим ва истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ҷамъбаст менамояд» [2-М, 4-М, 5-М, 8-М, 9-М, 10-М,12-М, 21-М, 23-М, 24-М].

2. Дар рисола қайд мегардад, ки сиёсати давлат дар соҳаи шуғли аҳолӣ ва фаъолияти он дар бозори меҳнат, ки дар он қувваи корӣ ҳамчун мол баромад мекунад, масъалаҳои шуғлро бо мақсади вусъат бахшидани шуғли пурмаҳсули аҳолӣ танзим менамояд. Шуғл объекти сиёсати давлатӣ оид ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад. Бозори меҳнат бо хусусияти худ аз бозорҳои дигар бо он фарқ мекунад, ки дар он ба сифати мол зеҳн, ҳиссиёт ва қобилияти ҷисмонии одамон баромад мекунанд, мувофики максад аст, ки онро бо назардошти муайян кардани талабот ва таклиф ба кувваи коргарй дида бароем, ҲИА бошад, дар таъмини фаъолият ва инкишофи бозори мехнат роли калон мебозад. Ин хадамот ҷузъи

асосии танзими бозори меҳнат буда, вазифаҳои гуногунсоҳаро иҷро мекунад. Мисоли чунин вазифаҳо: додани кӯмакпулӣ барои бекорӣ, кӯмак ба бекорон дар пайдо кардани кор ва ёрии психологӣ. Аммо ҳадафи асосии хадамоти шуғли аҳолӣ таъмини шуғли аҳолии бекор ва ҳифзи бевоситаи иҷтимоӣ мебошад. Танзими давлатии шуғли аҳолӣ яке аз омилҳои муҳимтарини таъмини рушди устувори иқтисодии ҳар як давлат мебошад, зеро рушди иқтисодиёти давлат бо захираҳои мавҷудаи инсонӣ ва иқтидори он, дараҷаи қобилияти кори самараноки онҳо, ва шароити мавҷудаи амалигардонии онҳо алоқаманд мебошад. Бо дарназардошти сохтори бозори меҳнат дар рисола хусусиятҳои асосие ошкор карда шудааст, ки дар он хадамоти шуғли аҳолӣ унсури он буда, дар фаъолият ва танзим нақши асосиро мебозад. Ба субъектҳои бозори меҳнат, меъёрҳо, усулҳои танзим, механизмҳои бозорӣ, бекорӣ ва инфрасохтори бозор, инчунин беҳбудию рушди бозори меҳнат дар шароити рақамисозӣ ва фаъолсозии хадамоти шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он мавқеи махсус дода шудааст.

Фаъолияти худи хадамоти шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнат ҳамчун миёнарав байни корфармо ва корманд аз омилҳои зиёд вобаста аст. Муайян намудани омилҳое, ки ба низоми хизматрасонӣ дар масъалаҳои шуғли шаҳрвандоне, ки ба хадамоти шуғли аҳолӣ муроҷиат мекунанд, ҳам барои назарияи муосир ва ҳам барои амалияи соҳибкорӣ дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнат аҳамияти калон дорад.

Суботи сиёсии давлат ва нақши он дар сиёсати байналмилалӣ, инчунин сатҳи суботи иҷтимоии минтақа яке аз омилҳои муҳимест, ки ба фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ дар масъалаҳои шуғли шаҳрвандон таъсир мерасонад. Самаранокии ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, татбиқи умумии заминаи қонунгузорию меъёрии кишвар ва бисёр нуктаҳои дигар ба фаъолияти бозори меҳнати кишвар ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ таъсири калон мерасонанд.

Омилҳои иқтисодӣ ба вазъи равандҳои иқтисодӣ дар кишвар ва ҳолати корфармо ҳангоми таъсис ё барқарор кардани ҷойҳои корӣ, ҳамкории корфармоён бо хадамоти шуғли аҳолӣ дар таълими касбӣ ё бозомӯзии шаҳрвандони бекор, дастгирии раванди мустақилонаи шуғли аҳолӣ таъсир мерасонанд ва сертификатсиякунонии муштараки малакаи касбии бекорон бо корфармоён.

Рақамикунонии иқтисодиёт ва рушди технология раванди ногузир дар ҷаҳони муосир мебошад. Дар давраи ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва бекорӣ дар минтақаҳои зиёда аз қувваи корӣ таваҷҷӯҳи зиёд дода шавад. Ба Хадамоти шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ мекунад, зарур аст, ки ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ба шаҳрвандон таваҷҷӯҳ зоҳир намояд, ки барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ, шаффофияти хизматрасонӣ ва гардиши озоди шаҳрвандон имкон медиҳад. [8-М, 9-М, 11-М, 14-М, 15-М, 21-М, 23-М, 24-М, 25-М].

3. Аз натиҷаи таҳқиқ қайд карда мешавад, ки хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ дар хориҷи кишвар тавассути таҳия ва татбиқи барномаҳо дар ҳалли мушкилоти бозори меҳнат нақши асосиро мебозад. Дар робита ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани таҷрибаи мубодилаи байналмилалии таҷрибаомӯзҳо самаранок мебуд. Бо истифода аз ин таҷриба хадамоти шуғли аҳолӣ дар Тоҷикистон метавонад ҳамкориро бо корфармоён ва корфармоёни хориҷӣ дар Тоҷикистон беҳтар созад. Ҷавонони Тоҷикистон низ метавонистанд дар хориҷи кишвар дар созмонҳои маҷозӣ таҷрибаомӯзӣ гузаронанд ва ба ин васила дониш, малака ва маҳорати худро аз рӯйи ихтисос ва дарёфти ихтисосҳои нав афзоиш диҳанд.

Татбиқи чорабиниҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, қонунҳои давлатӣ, санадҳои қонунгузорӣ, барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳо зикр шудаанд, бевосита аз ҷониби Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ (хизматрасонии давлатии шуғли аҳолӣ) дар масъалаҳои шуғли аҳолӣ нақши калон мебозад, зеро ягона хадамот дар ин давра татбиқкунандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ дар ҳалли мушкилоти табақаҳои осебпазири аҳолӣ, ҷавонон ва занон мебошад. Хадамотҳои хусусии шуғли аҳолӣ амалигардонандаи барномаҳои давлатӣ нестанд. Дар вазъи кунунии иқтисодии Тоҷикистон татбиқи барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар соҳаи маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ мушкилоти зиёд дорад ва аз ин рӯ, бояд нақш ва таваҷҷӯҳи корфармоён дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва барқарорсозии ҷойҳои кории аз даст додашуда дар чорабиниҳои муштарак бо хизмати бо кор таъминкунӣ, инчунин дастгирӣ намудани кори худмашғулиятӣ байни аҳолӣ зиёд карда шавад.

Чунон, ки қайд карда шуд, таҷрибаи Фаронса дар фаъолияти органҳои бо кор таъмин намудани аҳолӣ дар масъалаҳои самаранокии бо кор таъмин намудани бекорон асосан ба ташкили маҳфилҳои махсус асос ёфтааст. Ташкили маҳфилҳо дар назди хадамоти шуғли аҳолӣ дар Тоҷикистон метавонад бекоронро барои муколама бо корфармо омода созад ва самаранокии шуғлро афзоиш диҳад. Ҳамчунин, хадамоти шуғли аҳолӣ дар донишгоҳҳои Тоҷикистон метавонанд маҳфилҳои тахассусии омӯзиши ҷавонон ташкил кунанд.

Мо, инчунин, зарур мешуморем, ки тачрибаи Фаронса дар бобати татбиқи «шартномахои тахассусӣ» истифода барем. Бо истифода аз ин таҷруба ҷавонони Тоҷикистон метавонистанд тавонмандии худро барои дарёфти ҷои кор ва дарёфти маоши муносиб беҳтар кунанд [1-М, 2-М, 4-М, 7-М, 12-М, 14-М, 19-М].

4. Дар натиҷаи таҳлил фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ бевосита аз омили демографӣ вобаста аст, зеро вазифаи асосӣ расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ, аз қабили гирифтани кӯмакпулӣ оид ба бекорӣ, омӯзиши касбӣ ва бозомӯзӣ, шуғл ва ғайра мебошад. Афзоиши аҳолӣ ва тақсимоти гендерӣ ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии хизматрасонӣ таъсир мерасонад.

Арзёбии вазъи кунунии иқтисоди Тоҷикистон, сатҳи рушди он ва дигаргуниҳои ҷоришаванда ба давлати корфармо дар ташкили ҷойҳои корӣ, ҳамкории корфармоён бо хадамоти шуғли аҳолӣ дар таълими касбӣ ё бозомӯзии

шаҳрвандони бекор, дастгирии раванди худмашғулияти аҳолӣ ва сертификатсиякунонии якҷояи маҳорати касбии бекорон бо корфармоён.

Таваҷҷӯҳи корфармоён афзоиш ёфта, сифати хизматрасоние, ки аз агентӣ гирифта мешавад, метавон мусбат арзёбӣ кард. Аммо дар раванди саноаткунонии иқтисодиёти кишвар талаботи корфармоёни саноатӣ 29,6 фоиз кам шудааст, инро бо он шарҳ дода мешавад, ки эҳтиёҷоти корфармоён на ҳама вақт аз ҳисоби сифати қувваи корӣ таъмин карда мешавад, яъне коргарон на ҳамеша дониш, малака ва махорати зарурӣ доранд. Дар ҳалли ин масъала бояд бо корфармо робитаи зич барқарор карда, талаботи корфармоёнро муайян намуда, мувофиқи талаботи онҳо шаҳрвандонро тайёр, бозомузӣ ва таълим кардан лозим аст.

Барои ноил шудан ба рушди самараноки шуғли пурмаҳсул дар Тоҷикистон фароҳам овардани шароит барои рушди хадамоти онлайн дар соҳаи шуғли аҳолӣ, омодасозӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос тақозо аст. Пандемияи COVID-19 аҳамияти рушди рақамикунониро дар формати хизматрасониҳои давлатӣ ва махсусан хадамоти шуғли аҳолӣ инъикос намуд. Ташкил ва баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ кӯҳна буда, бо рушди технологияҳои нав таҳияи сомонаи KOR.tj талабгор буда, тамоми ҷойҳои холии кориро дар платформаи онлайнӣ аз ҷониби корфармоён барои зуд огоҳ намудани шаҳрвандон ва шуғли онҳо инъикос менамояд.

Раванди рақамикунонии хизматрасониҳои хадамоти шуғли аҳолӣ метавонад бо суръати суст идома ёбад, зеро на ҳама намояндагиҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар минтақаҳо бо технологияҳои муосир ва ҳатто интернет муҷаҳҳаз мебошанд, инчунин зарурати баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои шуғли аҳолӣ вуҷуд дорад, инчунин, сатҳи салоҳияти кормандони хадамоти шуғли аҳолӣ дар истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва платформаҳо бояд баланд бардошта шавад.

Платформаи ягонаи рақамӣ, таҳия ва татбиқи он дар бахши шуғли аҳолӣ имкон медиҳад, ки имкониятҳои шуғли шаҳрвандонро таҳким ва афзун намуда, инчунин ҷустуҷӯи кадрҳои серталаб аз ҷониби корфарморо васеъ ва осон гардонад. Ин як имконияти бузург барои фароҳам овардани бозори боз ҳам шаффоф ва боз ҳам хубтар буда, имкони дарёфти ҷои кор барои ҷавонони бе таҷрибаи касбӣ, маъюбон ва шаҳрвандони синни пеш аз нафақаро васеъ мекунад [6-М, 8-М, 9-М, 11-М, 14-М, 16-М,19-М, 23-М, 29-М].

5. Ҳангоми муайян намудани ташаккули талабот ба хизматрасониҳои шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнати Тоҷикистон маълум гардид, ки дар моддаи 12 боби сеюм «Танзими давлатӣ ва ташкили тадбирҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ»-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», самтҳои рушд ва такмили кори мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, аз қабили хизматрасонӣ оид ба таълим дар курсҳои омӯзиши касбӣ, бозомӯзӣ ва гирифтани стипендия дар раванди таълим, таъмини хизматрасониҳои машваратӣ ва дастгирии молиявӣ дар ташкили кори худфаъолият, фаъолияти соҳибкории хурд, хизматрасонӣ оид ба ташкили корҳои ҷамъиятӣ, хизматрасонӣ оид ба

дастгирии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат, дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба ватан баргаштаанд, муайян карда шудаанд. Муайян карда шудаанд, ки талаботи шаҳрвандон ба хизматрасониҳои ҲИА дар бозори меҳнати Тоҷикистон меафзояд, аз ҷумла: - ба касбомӯзӣ дувоздаҳу аз даҳ ду фоиз, ба корҳои ҷамъиятӣ шонздаҳу аз даҳ як фоиз, шумораи ашхосе, ки кӯмакпулии бекорӣ мегиранд, зиёда аз панҷоҳу ҳашт фоиз, барои дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатие, ки ба ҷумҳурӣ бармегарданд, сию як фоиз.

Дар баробари ин, дар саросари ҷумҳурӣ ба миқдори 18,2 фоиз коҳиш ёфтани хизматрасонии машваратӣ ва дастгирии молиявӣ дар ташкили худмашғулиятӣ ва соҳибкорӣ мушоҳида мешавад, ба истиснои ВМКБ, ки миқдори 2,4 фоиз ё 13 нафар афзудааст. Мушкилоти асосии кам кардани шумораи шаҳрвандони бекоре, ки кӯмаки молиявӣ гирифтаанд, ин коҳиши маблағгузории сандуқи қарзии хадамоти шуғли аҳолӣ аз ҳисоби буҷети суғуртаи иҷтимоӣ аз соли 2014 мебошад ва дар ин давра ба маблағи умумии то 14 миллион сомониро бо қарзҳои бебозгашт ташкил медиҳад, ки ин имкон намедиҳад, ки ҳаҷми пардохтҳо афзоиш ёбад [6-М, 8-М, 9-М, 11-М, 14-М, 16-М,19-М, 23-М, 29-М].

6. Ҳамчун намояндаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳо хадамоти шуғли аҳолӣ сиёсати давлатиро дар бозори меҳнат дар самтҳои асосии муҳими иҷтимоӣ, аз қабили мусоидат ба шуғли аҳолии табақаҳои осебпазири аҳолӣ, занон, ҷавонон ва маъюбон дар масъалаҳои шуғл, роҳнамоии касбӣ ва омӯзиш, пардохти кӯмакпулӣ оид ба бекорӣ, дастгирии рушди соҳибкорӣ ва шуғли худӣ, корҳои ҷамъиятии музднок ва ғайра амалӣ мегардонад. Хизматрасонии шуғли аҳолӣ ҳангоми татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба бозори меҳнати ҷумҳурӣ дар асоси машваратҳо ва фаъолияти муштараки шарикии сетарафаи давлат, корфармоён ва иттифоқҳои касабаи мустақил ба роҳ монда шуда, ба ин васила ба меъёрҳои байналмилалӣ оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, зарурати пурзӯр намудани аҳамияти Ассотсиатсияи корфармоён, ассотсиатсияҳои гуногун ва иттифоқҳои касабаи мустақил дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ба миён омадааст. Самтҳои асосии фаъолият оид ба татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъсиси ҷойҳои нави корӣ, мусоидат ба шуғли қишрҳои осебпазири аҳолӣ дар бозори меҳнат, аз қабили ҷавонон, занон ва маъюбон, мутобиқ кардани қувваи корӣ ба талаботи бозори мехнат, расонидани хизматрасонии машваратӣ ва дастгирии молиявӣ ба шахрвандони бекор, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан мехоҳанд, инчунин ташкили корҳои ҷамъиятии музднок ва дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон дар давраи бекорӣ мебошад. Дар марҳилаи имрӯза бо рушди раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта ҷорӣ карда шудааст. Хадамоти шуғли аҳолӣ бо мақсади васеъ ва бо назардошти зарурати рушди инфрасохтори деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ самтҳои сиёсати давлатиро, ба мисли рушди ҳунарҳои мардумӣ ҷорӣ менамояд. Таҳлили рафти иҷрои нишондиҳандаҳои дурнамои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2020-2022 ҳангоми муроҷиат ба хадамоти шуғли аҳолӣ дар се соли татбиқи Барномаи давлатӣ шумораи занон 132628 нафар ё 47,6 фоизи умумӣ

ва ҷавонон 136437 нафар ё 49 фоизро ташкил дода, дар ҳамаи самтҳо иҷро нашудани нишондиҳандаҳои пешгӯӣ қайд шудааст. Коршиносон сабаби асосии фаъолияти пасти занону ҷавонон дар гирифтани хизматрасонии хадамоти шуғли аҳолиро дар набудани иттилоот арзёбӣ мекунанд [7-М, 9-М, 12-М, 14-М].

7. Дар асоси тадқиқоти таҷрибавӣ ва пурсиши шаҳрвандоне, ки ба агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ муроҷиат кардаанд, хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

• Шаҳрвандон кам будани огаҳии аҳолӣ дар бораи ҷойҳо ва вақти баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кории холиро кайд карданд. Инчунин, огоҳонидан оид ба ҷойҳои холии корӣ тавассути вебсайти агентӣ мусбат хоҳад буд.

• Огоҳии аҳолӣ аз қоидаҳои пешниҳод ва бақайдгирии ҳуҷҷатҳо барои гирифтани хизматрасонӣ аз хадамоти шуғли аҳолӣ, кам кардани миқдори ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва кам кардани мӯҳлати коркард.

• Нав кардани номгӯй касбҳое, ки барои бозомӯзӣ ва таълими шаҳрвандон, инчунин, конеъ гардондани талаботи корфармоён бо онҳо.

• Васеъ кардани имкониятҳо барои дарёфти маълумот дар бораи фаъолият ва хизматрасониҳои агентӣ.

• Омӯзиши тағйирот дар бозори меҳнат ва эҳтиёҷоти корфармоён аз рӯи дониш, малака ва маҳорат, инчунин таҷдиди рӯйхати касбҳо;

• Бо дархости корфармоён агентиҳо ва МТКТ-ро бо технологияи нав ва технологияҳои тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳо таъмин намоянд.

• Модернизатсияи вебсайти агентӣ мутобиқ ба талаботи замонавӣ оид ба огоҳонидани аҳолӣ аз фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ;

• Баланд бардоштани сатҳи тахассуси кормандони агентӣ ва МТКТ мутобиқи талаботи муосири бозори меҳнат [5-М, 7-М, 12-М, 13-М, 14-М, 26-М, 27-М, 29-М, 30-М].

### Б) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

1. Дар айни замон хадамоти шуғли аҳолӣ вазифаҳои зиёдеро иҷро мекунанд, аз қабили: а) баҳодиҳӣ ва баҳисобгирии ҷойҳои холӣ; б) бо кор таъмин намудани бекорон; в) омӯзиши вазъи бозори меҳнат ва ҷамъбасти натиҷаҳо; г) азназаргузаронии одамоне, ки ба кор даромадан мехоханд; д) бозомӯзии касбӣ ва роҳнамоии касбӣ барои бекорон; е) додани имтиёз; ж) ташкили биржаи меҳнатии ҷавонон. Аз ин рӯ, мо ҳадафи асосии таъсиси биржаи ҷавононро баланд бардоштани самаранокӣ дар татбиқи барномаҳои шуғли аҳолӣ ва офиятбахшии иҷтимоию меҳнатии ҷавонону наврасон тавассути пешниҳоди хизматрасониҳои машваратӣ, иттилоотӣ ва дигар хизматрасониҳо оид ба шуғли аҳолӣ, ташкили корҳои ҷамъиятӣ, касбомузӣ, ҷойҳои кории иловагӣ, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра мебошад.

2. Дар айни замон, дар раванди саноаткунонӣ ва рақамикунонӣ омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳо мувофиқи талаботи нави корфармоён ба миён омадааст. Аз ин рӯ, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани

мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» таълим ва бозомӯзии кормандон дар самтҳои зерин ба миён омадаст:

• ҷорӣ намудани механизмҳои муосир дар системаи тайёр кардани мутахассисон дар доираи низоми миллии тахассус;

• таъмини хамкории субъектхо дар тайёр кардани мутахассисон бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат;

• мусоидат дар ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои кооператсия оид ба тайёр намудани мутахассисон бо назардошти вазъи воқеии бозори меҳнат;

• муайян намудани талаботи бозори меҳнат ба мутахассисон тибқи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди соҳаҳо ва минтакаҳо;

•фарохам овардани шароит барои иштироки корфармоён дар муайян намудани талаботи тахассусӣ, ташкили раванди тайёр кардани мутахассисон ва арзёбии натиҷаҳои таълим дар асоси стандартҳои салоҳияти ҳар як касб;

• ташаккули системаи оқилонаи маълумот оид ба касб ва машварат оид ба касб бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолии қобили меҳнат аз рӯйи ихтисосҳое, ки ба талаботи низоми бозор ҷавоб медиҳанд;

• муҳайё кардани шароит барои мустаҳкам намудани кадрҳо ва васеъ намудани доираи шуғли пурмаҳсул.

3. Барои баланд бардоштани самаранокии муассисаҳои хизматрасонии шуғли аҳолӣ ду самтро пешниҳод менамоем:

Якум, ҷорӣ намудани технологияҳои замонавӣ дар фаъолияти мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ бо мақсади коҳиш додани давраи бекорӣ ва муроҷиати онҳо ба хидматрасонии ХША, ки инҳоро пешбинӣ менамояд:

-бо ёрии технологияи муосир такмил додани фаъолияти мутахассисони мақомоти ХША бо бекорон ва бекорон оид ба қабул, таъсис ва истифодабарии бонкҳо барои ҷойҳои холӣ ва бекорон, ҷустуҷӯи кор ва ба роҳ мондани корҳои роҳнамоии касбӣ;

- бо ёрии технология тезонидани раванд ва самаранокии таълим;

- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба рушди системаи таъминоти иттилоотии мақомоти ХША;

- татбиқи механизмҳои оқилонаи пешниҳоди шахсони бекор ба ҷойҳои нави корӣ;

– ташкил ва гузаронидани мониторинги бозори меҳнат;

- паст кардани сатҳи коррупсия;

- беҳтар гардонидани раванд ва шароити бойгонӣ намудани маълумот ва ҳуҷҷатҳо.

Дуюм, истифодаи технологияҳои нави замонавӣ дар кори хадамоти шуғли аҳолӣ, барои зуд ва самаранок кор намудан бо шаҳрвандоне, ки барои гирифтани хизматрасониҳои иҷтимоии давлатӣ ба ин хадамот муроҷиат мекунанд. Барои ин лозим аст:

- такмили раванди кор ва истифодаи технологияи нав аз ҷониби кормандон ва мутахассисони хадамоти шуғли аҳолӣ чӣ дар дастгоҳи марказӣ ва чӣ дар

ҳудуди худ ҳангоми баҳодиҳии ҷойҳои кории холӣ, шумораи бекорон ва дар масъалаҳои роҳнамоии касбӣ ва такмили ихтисос;

- татбиқи усулу технологияи нав дар ташкили таълим барои бекорон ва шахсоне, ки ба ХША муроҷиат кардаанд;

- истифодаи технологияи нав ва усулҳои нав барои ташкили низоми гирифтани маълумот дар бораи хадамоти шуғли дастгоҳи марказӣ ва дар минтақаҳо;

-барои таҳия ва татбиқи механизмҳои муосир дар раванди роҳнамоии касбомӯзӣ аз технологияҳои нав ва усулҳои нав истифода баранд.

Инчунин, беҳтар намудани сохтори ташкилӣ ва шумораи кормандон ва мутахассисони хадамоти шуғли аҳолӣ барои хизматрасонии босифат ба шаҳрвандон ва бекороне, ки ба хадамоти шуғли аҳолӣ чӣ дар дастгоҳи марказӣ ва чӣ дар минтақаҳо муроҷиат мекунанд:

- дар асоси талаботи бозори меҳнат дар минтақаҳо кор бурдан оид ба сохтори ташкилии хадамоти шуғли аҳолӣ ва марказҳои шуғли аҳолӣ;

- таҳия ва татбиқи раванди назорати фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ ҳам дар марказ ва ҳам дар минтақаҳо;

- рушди механизми истифодаи маблағгузории барои кори хадамоти шуғли аҳолӣ ҷудошуда;

- таҳияи механизми баланд бардоштани тахассус ва ҷалби кадрҳои босифат ба кор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Ба мақсад мувофиқ аст, ки қонунгузорӣ бо дарназардошти талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат оид ба масъалаҳои шуғл такмил дода шавад. Қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон ба ин марҳилаи рушди иқтисодӣ пурра мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани механизмҳое, ки ба баландшавии ҳаракати меҳнат ва шуғли аҳолӣ мусоидат менамояд, инчунин, аз нав тақсимкунии буҷет, вақти корӣ ва пурра ба назар гирифтани хусусиятҳои рафтори меҳнатии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии коргарон (занон, нафақагирандагон, ҷавонон ва дигарон) муҳим аст.

## РӮЙХАТИ
## МАВОДИ НАШРГАРДИДАИ МУАЛЛИФ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

### А) Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашргардида:

[1-А]. Роль негосударственных служб занятости в предоставлении услуг по трудоустройству на рынке труда Республики Таджикистан. // Вестник Росийско-Таджикского (Славянского) Университета №1(40). -Душанбе.- 2013, - С.64-69. (в соавторстве).

[2-А]. Анализ предоставления услуг служб занятости населения Республики Таджикистан. // Вестник Таджикистан и современный мир . -Душанбе.-2021.- №1(73).- С.- 106-119. ISSN 2075-9584.

[3-А]. Методологические подходы к определению спроса на услуги службы занятости населения. // Вестник Таджикистан и современный мир . -Душанбе.- 2021.-№2(74)- С. 258-279. (в соавторстве). - ISSN 2075-9584.

[4-А]. Международная практика оказания услуг службой занятости населения. // Вестник Таджикистан и современный мир.- Душанбе.- 2021.- №3(75).- С.112-123. ISSN 2075-9584

[5-А]. Социально-экономическая роль женщин на рынке труда Республики Таджикистан. // Финансово-экономический вестник.- Душанбе. – 2021.- №3(27). - С. 67-74. ISSN- 2663-0389.

[6-А]. Развитие альтернативных форм занятости, как параллельного рынка труда. // Вестник Таджикистан и современный мир.- Душанбе.- 2022.-№1(77).-С. 96-105. (в соавторстве). ISSN 2075-9584.

[7-А]. Значимость социальных мер служб занятости населения на рынке труда Республики Таджикистан. // Вестник Таджикистан и современный мир.- Душанбе.- 2022.- №2(78).-С.114-122. ISSN 2075-9584.

[8-А]. Факторы влияющие на механизм деятельности служб занятости Республики Таджикистан. // Экономика Таджикистана .-Душанбе.- 2022.-№3.- С. 112-120.- ISSN 2310-3957.

[9-А]. Развитие технологий и цифровизация экономики как фактор совершенствования предоставления услуг служб занятости. // Вестник Таджикского Государственного Университета коммерции.- Душанбе. – 2022.- 2(41).- С.228-234. (в соавторстве). ISSN 2308-054X.

[10-А]. Теоретические подходы к исследованию услуг институтов рынка труда (на примере служб занятости населения Республики Таджикистан) // Экономика Таджикистана .- Душанбе.- 2023.- №1.- С.170-176. ISSN 2310-3957

[11-А]. Цифровая экономика и ее вызовы рынку труда.// Вестник Таджикистан и современный мир.- Душанбе . -2023.- №2(82).-С. 115-124. ISSN 2075-9584.

[12-А]. Организационно-экономический механизм функционирования службы занятости на рынке труда. // Вестник Таджикистан и современный мир.- Душанбе.- 2023.-№3(83).-С. 115-124 . ISSN 2075-9584.

[13-А]. Состояния социально-экономических основ занятости молодежи на рынке труда Республики Таджикистан. // Вестник Таджикистан и современный мир.- Душанбе.- 2023.-№4(84).-С. 133-151. ISSN 2075-9584.

[14-А]. Служба занятости населения и ее роль в реализации государственной политики занятости населения Республики Таджикистан / С. Джурахонзода // Экономика Таджикистана. – 2023. – № 4. – С. 190-200. – EDN RAPMQH.

**В других изданиях:**

[15-А]. Факторы и условия, влияющие на функционирование и развитие службы занятости населении в регионе. // Материалы республиканской научно-практической конференции «Вклад науки в инновационном развитии регионов Республики Таджикистан». -Душанбе.- 2012.-С. 91-95.

[16-А]. Значение служб занятости на рынке труда РТ. // Материалы республиканской научно-практической конференции «Социально экономические проблемы совершенствования системы управления трудом в Республике Таджикистан».- Душанбе.- 2013.-С.122-128.

[17-А]. Совершенствование управления охраной труда в условиях реформирования социально – трудовых отношений. // Материалы республиканской научно-практической конференции «Проблемы человеческого развития Республики Таджикистан в контексте реформирования социально – трудовых отношений».- Душанбе.- 2014.-С.15-22.

[18-А]. Особенности трудоустройства женщин службами занятости в Республики Таджикистан. // Материалы республиканской научно-практической конференции «Роль женщин в обеспечении инновационного развития экономики Таджикистана». -Душанбе.- 2015.-С. 50-52.

[19-А]. Реализация программ службы занятости населения Республики Таджикистан в профессиональной подготовке, повышения квалификации и переподготовки безработных граждан. // Материалы республиканской научно-практической конференции «Социально-экономические проблемы оптимизации рынка занятости и трудовой миграции в условиях устойчивого экономического развития ». -Душанбе.- 2015.-С.263-268.

[20-А]. Масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва рушди бозори меҳнат дар дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар. // Рынок труда. – Душанбе. - 2015.-№3 – С. 12-21. (в соавторстве).

[21-А]. Понятия рынка труда как социально-экономической категории. // Рынок труда. - Душанбе. - 2016.- №1(28).- С. 20-27.

[22-А]. Формирование занятости сельского населения Таджикистана. // Рынок труда. Душанбе. 2016.- №1(28). - С.33-041. (в соавторстве).

[23-А]. Проблемы подготовки квалифицированных кадров и занятость населения Таджикистана. // Рынок труда. – Душанбе. -2016.- №3(30). - С. 33-41.

[24-А]. Некоторые аспекты исследования теории занятости и оплаты труда в развитии социально-трудовых отношений в таможенной системе в условиях рыночной экономики. // Рынок труда. - Душанбе. – 2016.- №1(28) – С.33-41. (в соавторстве).

[25-А]. Влияние демографических процессов на занятость населения Республики Таджикистана. // Материалы республиканской научно-практической конференции “Социально-экономические основы инновационного развития рынка труда в условиях малой открытой экономики РТ” Душанбе 2019, С.138-146

[26-А]. Проблемы и особенности трудоустройства молодёжи и женщин в Республики Таджикистан. // Материалы республиканской научно-практической конференции “Социально-экономические проблемы формирования и функционирования рынка труда в РТ”.- Душанбе.- 2020.- С.36-46.

[27-А]. Развитие социально-трудовых отношений в период независимости РТ и ее стратегические перспективы. // Материалы республиканской научно-практической конференции “Достижения в сфере труда, миграции и занятости населения в период независимости”.- Душанбе.- 2021.-С.36-46.

[28-А]. Цифровизация рынка труда: проблемы и перспективы. // Материалы республиканской научно-практической конференции “ Концептуальные аспекты и теоретико-методологические основы формирования продуктивной занятости в Республики Таджикистан” .- Душанбе.- 2022.-С. 112-116.

[29-А]. Современные тенденции и вызовы в сфере миграции Таджикистана // Таджикский национальный университет Факультет международных отношений, Центр региональных и сравнительных исследований, Исследовательский центр «Шарк» «Миграция в Центральной Азии и России: мобильность человеческого капитала» стр. 221-226 Душанбе: ЭР-граф, 2022.-584с., ISBN:978-99985-1-020-3

[30-А]. Приоритетные направления развития предоставления государственных услуг на рынке труда службой занятости населения в процессе цифровизации. Материалы международной научно-практической конференции на тему "Интеграция науки, инноваций и производства основа реализации технологии дуального образования".-Куляб.- 2023.-С. 356-362.

[31-А]. Служба занятости населения как институт регулирования рынка труда. Материалы конференций и семинаров ЦСИ при Президенте РТ "Маъсалоҳои мубрами сиесати дохили ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Душанбе 2023,"Аржанг", 404 с., стр. 155-168.

# АННОТАЦИЯ

**к автореферату диссертации Джурахонзода Саодат Джурахон на тему «Развитие механизмов регулирования рынка труда в Республике Таджикистан» (на материалах службы занятости населения)**

*Ключевые слова:* рынок труда, службы занятости населения, факторы, продуктивная занятость, рабочая сила, система государственного регулирования, анализ, направления и др.

Целью диссертационного исследования является разработка комплексных подходов к повышению эффективности деятельности службы занятости населения, как важнейшего института рынка труда в распределительных отношениях и использовании рабочей силы в регулировании рынка труда.

Методологическую основу диссертации составили труды классиков экономической науки, работы современных отечественных, российских и зарубежных ученых по теории распределительных отношений в использования рабочей силы в процессе регулирования рынка труда институтами службы занятости населения.

В диссертации оценивается роль и значимость служб занятости в реализации государственная политики занятости населения; выявлены и обоснованы специфичные подходы; разработан комплекс мероприятий по улучшению работы служб занятости на рынке труда организационно-правового характера для проведения активной политики занятости; на основе изучения зарубежного опыта предложен метод структурных сдвигов, позволяющий улучшить управление и регулирование рынка занятости населения и разделить влияние на занятость населения конкретной территории национальных и региональных социально-экономических факторов.

В диссертации обоснованы и разработаны направления совершенствования службы занятости и обеспечение продуктивной занятости населения на рынке труда.

Выводы и предложения основаны на том, что полученные результаты могут быть использованы в качестве практических рекомендаций по совершенствованию государственной политики рынка труда и занятости в современных условиях развития рыночных отношений.

# АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷурахонзода Саодат Ҷурахон дар мавзуи «Рушди механизмҳои танзими бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар асоси маводи хадамоти шуғли аҳолӣ)**

**Калидвожаҳо:** бозори меҳнат, хадамоти шуғл, хадамоти шуғли аҳолӣ, омилҳои шуғли пурмаҳсул, қувваи корӣ, низоми танзими давлатӣ, таҳлил, самтҳо ва ғ.

**Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ** таҳияи равишҳои ҳамаҷониба барои баланд бардоштани самаранокии хадамоти шуғли аҳолӣ, ҳамчун муҳимтарин ниҳоди бозори меҳнат дар муносибатҳои тақсимот ва истифодаи қувваи корӣ дар танзими бозори меҳнат мебошад.

**Асоси методологии рисоларо** асарҳои классикони илми иқтисод, корҳои илмии олимони муосири ватанӣ, русӣ ва хориҷӣ оид ба назарияи муносибатҳои тақсимот дар истифодаи меҳнат дар раванди танзими бозори меҳнат аз ҷониби муассисаҳои хадамоти шуғли аҳолӣ ташкил медиҳанд.

Дар рисола ба накш ва аҳамияти хадамоти шуғли аҳолӣ дар татбиқи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ баҳо дода шудааст; равишҳои мушаххас муайян ва асоснок карда шудаанд; барои беҳтар намудани кори хадамоти шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнат маҷмӯи тадбирҳои дорои хусусияти ташкилию ҳуқуқӣ барои татбиқи сиёсати фаъоли шуғли аҳолӣ таҳия карда шудааст; Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ усули тағйироти сохторӣ барои такмили идоракунӣ ва танзими бозори шуғл ва ҷудо кардани таъсири омилҳои иҷтимоию иқтисодии миллӣ ва минтақавӣ ба шуғли аҳолии ҳудуди муайян пешниҳод шудааст.

Дар рисола самтҳои такмили хадамоти шуғли аҳолӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар бозори меҳнат асоснок ва таҳия шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳо ба он асос ёфтаанд, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили сиёсати давлатӣ оид ба бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шароити муосири рушди муносибатҳои бозорӣ ҳамчун тавсияҳои амалӣ мавриди истифода қарор гиранд.

## ANNOTATION

**to the dissertation abstract by Jurakhonzoda Saodat Jurakhon on the topic "Development of mechanisms of labor market regulation in the Republic of Tajikistan" (on the materials of the employment service)**

**Keywords:** labor market, employment services, factors, productive employment, labor force, system of state regulation, analysis, directions, etc. The dissertation is aimed at the development of comprehensive approaches to improve the efficiency of the labor market, employment services.

**The purpose of the dissertation research** is to develop comprehensive approaches to improving the effectiveness of employment services as the most important institution of the labor market in distributive relations and the use of labor force in the regulation of the labor market.

**The methodological basis of the dissertation** was formed by the works of classics of economic science, works of modern domestic, Russian and foreign scientists on the theory of distributive relations in the use of labor force in the process of regulation of the labor market by employment service institutions.

The dissertation evaluates the role and importance of employment services in the implementation of state employment policy; specific approaches have been identified and justified; a set of measures has been developed to improve the work of employment services in the labor market of an organizational and legal nature to implement an active employment policy; based on the study of foreign experience, a method of structural changes has been proposed to improve the management and regulation of the employment market and to separate the influence of national and regional socio-economic factors on the employment of the population of a particular territory.

The dissertation justifies and develops directions for improving the employment service and ensuring productive employment of the population in the labor market.

Conclusions and proposals are based on the fact that the obtained results can be used as practical recommendations for improving the state policy of the labor market and employment in modern conditions of market relations development.